# НАВРӮЗ ҶАҲОНӢ ШУДУ ТАВЪАМ БА АМОНИСТ...


Омӯзиш • Тасаввурот • Фаҳмиш • Тараққиёт
Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон

№ 14 (43)
31 марти
2015

Ҷаҳонро ба дониш тавон ёфтан

# Молия ва иқтисод

Оғози нашр: 7.03.2013






Нашрияи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон




## НАВРӮЗИ ФАРХУНДАПАЙ МУБОРАК!

**Инак, соли навини тоҷикон - Наврӯзи оламафрӯз бо занғӯлаи нусрату хушиҳои бепоён ба остонаи ҳар сокини хушбахти Тоҷикистони азиз қадам мегузорад. Наврӯз ҳамагонитарин ҷашни мардумист, ки бо руҳи зиндагисоз ва ваҳдатофари хеш ҳаёти башариятро саодатманд месозад.**

Аҳли устодону донишҷӯёни донишкада низ ин хуррамбаҳори Наврӯзӣ, иди аҷдодиро сазовор пешвоз гирифта, барои муваффақияту навгониҳои минбаъда заминаи мусоид мегузоранд. Зеро чи тавре Хайёми бузург гуфтааст: «Ҳар кӣ рӯзи Наврӯз ҷашн кунад ва ба хуррамӣ пайвандад, то ба Наврӯзи дигар умр дар шодӣ ва хуррамӣ гузорад». Имсол барои коллективи меҳнатии донишкада соли бобарор буд, зеро чанд нафар аз устодони мо, аз ҷумла Лутфия Абдухолиқзода, ректори Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шермамад Ҷонмамадов, ректори Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев ва Рустам Қудратов, вакили МН МО ҶТ ба вазифаҳои баланди роҳбарикунанда таъйин ва интихоб гардиданд, ки ин мояи ифтихори мост. Ҳамчунин донишҷӯёни мо дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ барои дарёфти Ҷоми Академияи илмҳои Тоҷикистон аз соҳаи иқтисодиёт сазовори ҷойи 1, аз технологияҳои иттилоотӣ ҷойи 2 ва ду ҷои 3 аз соҳаи иқтисодиёт ва асрофизика гардида, бо ин дастоварди назаррас дар байни дастаҳои олимпии макотиби олии кишвар ҷои 6-умро соҳиб гардиданд.

Устодон, кормандон ва шогирдони муҳтарам!

Орзумандем Наврӯзи Аҷам, ки бо шарофати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷашни байналмилалӣ шуд, инсонҳоро аз сарвати дӯстию бародарӣ баҳравар намуда, пайвандгари халқҳову фарҳангҳо мегардад. Умедворем, ки Наврӯзи 2015 бо қадами муборaки худ ба хонадони Шумо хушрӯзиву хушбахтӣ, хуррамиву сарсабзӣ оварад ва ба мардуми шарафманди кишварамон руҳияи нави созандагӣ ва зиндагии шоиста ато бахшад.

**Ректори донишкада**
**Солиев А.А.**

## Рамзу рози Наврӯз

**Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои нишондод ва дастовардҳо дар соҳаи идоракунӣ, баланд бардоштани сифати кору маҳсулот ва ҷорӣ намудани технология ва инноватсияҳои ҷадид ба дарёфти ҷоизаи тиллоии байналмилалии «Тоҷ барои сифат» сазовор гардид. Ҷоиза аз ҷониби Ширкати байналхалқии Би-Ай-Ди-Бизнес Инишиатив Дайрекшинз (Business Initiative Directions) созмон дода шудааст. Маросими супоридани ҷоиза шоми 22-юми марти соли 2015 дар толори конвенсияҳои Меҳмонхонаи Интер-Континентали шаҳри Женеваи Швейтсария бо иштироки намояндагони тақрибан 80 давлати ҷаҳон ва беш аз 200 ширкату муассисаҳо аз тамоми нуқоти олам доир гардид.**

**Аввалин ҷашни байналмилалии Наврӯз соли 2011 дар Эрон таҷлил шуд. Соли 2012 Тоҷикистон, соли 2013 Туркманистон ва соли 2014 Афғонистон мизбони ин ҷашн буданд**

**Наврӯз ҳоло дар 11 кишвари ҷаҳон ҷашни расмии миллӣ бо рӯзҳои истироҳат ба шумор меравад. Афғонистон - 21 март; Эрон - аз 20 то 23 март; Озарбойҷон - аз 20 то 26 март; Қазоқистон - аз 21 то 24 март; Туркманистон - аз 20 то 23 март; Қирғизистон ва Ӯзбекистон - 21 март; Албания (Рӯзи Баҳор) - аз 20 то 23 март; Косово - 21 март рӯзҳои истироҳат аст.**

**Дар қадим олимон аз донаҳои зироат сабзаҳо тайёр ва ба воситаи онҳо ҳосилнокии зироатҳои соли навро пешгӯӣ мекарданд. Дастархони наврӯзӣ ғанитарин дастархони идҳо буд. Дар он гул, ширинӣ, шарбат, май, нон, меваҷот мегузоштанд. Рақами 7 дар урфият бузург буд ва ба ин хотир дастархони 7 син меоростанд, аз қабили себ, санҷид, сирко, сим, сабза, сабзӣ, ки ишора ба ҳафт фариштагони бузург аст. Панҷ рӯзро мардуми шаҳру деҳот бо тӯю тамошо ва мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ мебахшиданд. Панҷ рӯзи дигар мардум дар дарбори шоҳ бо тантана ҷашн мекарданд ва боқимонда 15 рӯзи дигарро дар саҳро ба сайри наврӯзӣ мебахшиданд.**

# ДМИТ ҶОИЗАДОРИ «ТОҶ БАРОИ СИФАТ»




Боиси ифтихор ва шарафмандист, ки Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои нишондод ва дастовардҳо дар соҳаи идоракунӣ, баланд бардоштани сифати кору маҳсулот ва ҷорӣ намудани технология ва инноватсияҳои ҷадид ба дарёфти ҷоизаи тиллоии байналмилалии «Тоҷ барои сифат» сазовор гардид. Ҷоиза аз ҷониби Ширкати байналхалқии Би-Ай-Ди-Бизнес Инишиатив Дайрекшинз (Business Initiative Directiөns) сознон дода шудааст. Маросими супоридани ҷоиза шоми 22-юми марти соли 2015 дар толори конвенсияҳои Меҳмонхонаи Интер-Континентали шаҳри Женеваи Швейтсария бо иштироки намояндагони тақрибан 80 давлати ҷаҳон ва беш аз 200 ширкату муассисаҳо аз тамоми нуқоти олам доир гардид. Дар вазъияти тантанавӣ Раиси ширкати Business Initiative Directiөns Хоссе Прието ба ректори донишкада - Ашурбой Солиев мукофотро супорида, таъкид кард, ки Донишкадаи молия ва иқтисод намунаи беҳтарини ташаббусҳо дар роҳи такмили сарварӣ, ҷорӣ кардани технологияҳои нав ва инноватсияҳо буда, муассисаҳои ба он монанд метавонанд аз он ибрат гиранд.

Ҳамчунин аз Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо» низ ба дарёфти ҷоизаи тиллоии байналмилалии «Тоҷ барои сифат» мушарраф гардид, ки он ба директори МД «Ҷаҳоннамо» - Ҳакимзода Абдумаҷид Усмон дар маросими мутантан супорида шуд.

Ёдрас мешавем, ки ширкати Business Initiative Directiөns соли 1986 ташкил гардида, қароргоҳи асосии он дар Испания воқеъ аст. Фаъолияти ширкат асосан ба дастгирии ташкилоту корхонаҳо дар соҳаи сифат, сарварӣ ва технологияву инноватсияҳо равона шудааст. Ҳадафи асосии он баланд бардоштани сифат дар идоракунии истеҳсолот буда, то имрӯз намояндагони 178 кишвари дунё ба дарёфти ҷоизаҳои ширкати мазкур сазовор гардидаанд.

Бояд гуфт, ки барои аҳли коллективи Донишкадаи молия ва иқтисод дарёфти чунин ҷоизаи олии байналмилалии мояи ифтихор ва фараҳмандӣ буда, таконбахши пешравӣ ва фаъолияти самарабахши минбаъда мебошад.

# ТАНТАНАҲОИ НАВРӮЗӢ ДАР ДМИТ

Шукри соҳибистиқлолӣ ва давлатдории миллӣ, ки аз самара ва баракати он ҳамасола дар кишвари мо баргузории ҷашни Наврӯзи Аҷам ва эҳёи суннатҳои он ба худ ҳусну тароватӣ тоза гирифта, миллати мо бо як неруву шаҳомати хосае онро истиқбол мегирад.

Рӯзи 18 март дар варзишгоҳи донишкада низ иди байналмилалии Наврӯз бо иштироки донишҷӯёну устодон ва кормандони донишкада ва меҳмонони зиёде бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил гардид. Дар базми наврӯзӣ Лутфия Абдухолиқзода, ректори Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Зебунисо Тоҷиддинова, сардори Раёсати Вазорати молияи ҶТ, Таваккал Маликов, сардори Раёсати Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ, Наҳтулло Назаров, раиси комиҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Сино, Файзигул Юсупова, сармутахассиси Кумитаи оид ба корҳои дин, ҷашну маросим ва анъанаҳои миллӣ ва намояндагони ВАО иштирок доштанд.



Дар базми наврӯзӣ устодону донишҷӯёни факултетҳо ва магистрон бо ороиши дастархони «ҳафт син», «ҳафт шин» ва «ҳафт мим» ва арҷгузорӣ ба анъанаҳои миллӣ гӯшаҳои махсус ташкил намуданд, ки хеле ҷолибу диданӣ буд. Бояд тазаккур дод, ки дар байни факултетҳо барои ороиши беҳтарин дастархони наврӯзӣ ва либосҳои миллӣ озмун эълон шуда буд ва намояндагони ҳар як факултет бо пешниҳоду намоиши анъанаҳои неки ин иди ориёӣ аз якдигар монданӣ надоштанд.

Базми наврӯзиро бо сухани табрикотӣ ректори донишкада Ашурбой Солиев кушода, оид ба суннатҳои волои наврӯзӣ чунин ибрози ақида намуд: «Наврӯзи имсола аз наврӯзҳои қаблӣ бо он фарқ мекунад, ки имсол мо 5 солагии ҷаҳонишавии Наврӯзро ҷашн мегирем. Наврӯз айёми дӯстиву ваҳдат эҳсону сахо буда, бо самимияти хоса истиқбол гирифта мешавад. Дар ин рӯз тамоми одамон на танҳо хонаву дар ва ашёи рӯзгорашонро тозаву озода менамоянд, балки қалбу ботини худро аз кинаву адоват ва хушунату бадбинӣ тоза мекунанд. Наврӯз ҷашни покиву меҳр аст ва дар арафаи ин ҷашн мо тантанаи шиори абадзиндаи халқамон «Гуфтори нек, кирдори нек ва пиндори нек»-ро мушоҳида менамоем».

Сипас Лутфия Абдухолиқзода ва Наҳтулло Назаров дар бораи фазилатҳои беҳтарини Наврӯз, ҷаҳонишавӣ ва дар кишварҳои дунё бо шукӯҳ ҷашнгирии он, эҳёи суннатҳои волои ниёгон ёдовар шуда, аҳли нишастро бо фарорасии Наврӯзи ҷаҳонӣ шодбош гуфта, баҳрашон комёбию пирӯзӣ дар ҳама ҷода таманно намуданд.

Дар қисмати бадеӣ Арӯси сол ба саҳна омада, ҳамагонро табрик гуфт ва Бобои деҳқон ба замин донаи умеду баракат кишт ва аз шавқи баҳору Наврӯз дили ҷавонон ба шӯр омада, бо ҳам байтбарак намуданд.

Сурудҳои дилнавози лирикӣ ва ҳаҷвии истеъдодҳои ҷавон ва бадеҳахонии Ҷамолиддин Шарипов ва Лола Атомуҳаммадова, рақсҳои мавзуни Хайринисо Астанақулова ба базми наврӯзӣ шаҳомати дигар ва ба дилҳо фараҳу шодӣ овард. Ин ҷо баромади ҳаҷвнигоронро махсусан қайд намудан бамаврид аст, ки саҳначаҳои ҳаҷвии аз ҳаёти ҷавонон омодашударо бо маҳорати хоси актёрӣ иҷро намуда, дили бинандагонро ба ваҷд оварданд.

Ҳамин тавр, базми наврӯзии донишкада баёнгари худшиносӣ ва эҳёи суннатҳои миллӣ, ваҳдати комил ва фарҳангпарварии иштирокчиёни он буд.

Ёдовар мешавем, ки ҷамъбасти озмуни ороиши беҳтарин хони наврӯзӣ дар Шӯрои олимони навбатӣ натиҷагирӣ хоҳад шуд.

**Машҳура АБДУЛЛОЕВА**

# ТОҶИ ТИЛЛОӢ - МУКОФОТИ АМАЛ

Ҷои таҳсин аст, ки Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои нишондод ва дастовардҳо дар соҳаи идоракунӣ, баланд бардоштани сифати кору маҳсулот ва ҷорӣ намудани технология ва инноватсияҳои ҷадид ба дарёфти ҷоизаи тиллоии байналмилалии «Тоҷ барои сифат», ки аз ҷониби Ширкати байналхалқии Би-Ай-Ди-Бизнес Инишиатив Дайрекшинз (Business Initiative Directiөns) созмон ёфтааст, сазовор гардид.



Вобаста ба ин, рӯзи 28 март дар саҳни ҳавлии донишкада муаррифии ҷоиза шуда гузашт. Донишҷӯёну устодон ректорро бо шеъру тарона ва гулдастаҳо пешвоз гирифтанд. Ректори донишкада Ашурбой Солиев устодону кормандон ва донишҷӯёнро бо дарёфти ин ҷоизаи воло шодбод гуфта, иброз дошт, ки ин мукофоти амалу фаъолияти яксолаи аҳли коллективи донишкада дар самти таълиму тарбия, равобити байналмилалӣ ва инъикос ва иттилоотрасонии фаъолияти он дар ВАО мебошад. Албатта, ин меҳнату заҳмати аҳли коллективи донишкада буда, моро водор месозад, ки боз ҳам беҳтару бештар кор кунем, то ки натиҷаи корамон ба талаботи байналмилалии таълимот мутобиқат намояд, гуфт ректор.

Бояд гуфт, ки ҳамчунин Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон аъзои Иттифоқи Академии Оксфорд гардид ва дар бораи донишкада дар маҷаллаҳои хориҷии «Universitү өf tҳe Future» ва «Qualitү Crөwn» маълумоти муфассал чоп гардид, ки ҳамаи ин рейтинги донишкадаро дар сатҳи ҷумҳурию байналмилалӣ боло мегардонад.

**М. Абдуллоева**

# Эҳсонкорӣ дар Наврӯз



Ҳамасола бо фарорасии Наврӯзи хуҷастапай аз ҷониби ташкилоту муассисаҳо ба ятимону бепарасторон расонидани кумак ба ҳукми анъана даромадааст. Вобаста ба ин раванд Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба тарбиятгирандагони мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони шунавоиашон суст ва деркаршудаи ноҳияи Рӯдакӣ як адад телевизори плазмавӣ, як адад принтер, инчунин маводи ғизоӣ ба маблағи қариб 7 ҳазор сомонӣ, аз қабили орд, равған, биринҷ, макарон, шакар, картошка, пиёзу сабзӣ ва ғайра расониданд.

Аз раёсати донишкада Саймаҳмуд Қаландаров, муовини ректор оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва маъмурию хоҷагӣ ва Хуршед Насриддинов, раиси Кумитаи муттаҳидаи иттифоқи касаба хайрияи мазкурро ба ин табақаи ниёзманди ҷомеа, ки ба лутфу навозиш эҳтиёҷ доранд, супориданд.

Роҳбарияти мактаб-интернат барои дастгирӣ изҳори сипос намуданд.

Инчунин ба тарбиятгирандагони мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими шаҳри Кӯлоб аз тарафи донишкада дар ҳаҷми 7 ҳазор сомонӣ ва аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори 17 ҳазор сомонӣ кумаки молиявӣ расонида шуд.

**Камолиддин ШАРИФОВ**

Ҳикмат дарахтест дар дил рӯяд ва самара аз забон диҳад.

# «Наврӯз- шиносномаи миллат»-китоби нави Президент

Дар остонаи ҷашни ҷаҳонии Наврӯз нашриёти «Адиб» китоби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро тахти унвони «Наврӯз -шиносномаи миллат» бо забони тоҷикӣ мунташир намуд.




Китоб бо теъдоди ду ҳазор нусха рӯи чоп омада, дар он паёмҳои наврӯзӣ ва суханрониҳои Президенти кишвар, ки дар ҷашнҳои наврӯзӣ баён гардидаанд, гирд оварда шудаанд. Бояд тазаккур дод, ки суханрониҳои Президенти ҷумҳурӣ дар ҷашнҳои наврӯзӣ моломоли меҳру муҳаббат ба ин ҷашни ҷаҳонӣ - Наврӯз ва саршор аз тарғиби омолу рафтори ҳамидаанд.

Мураттибони китоб Фарҳоди Карим ва Абдурауф Муродӣ саъй намудаанд, ки дар китоби мазкур қисмате аз суханрониҳои Сарвари давлатро, ки дар ҷашнҳои наврӯзӣ ироа гардидаанд, тахти дебочаҳои «Ҷашни пирӯзии нур бар зулмот», «Наврӯзи бостонӣ ва ҷаҳонӣ», «Суннатҳои неки наврӯзӣ безаволанд», «Рамзи офариниш ва эҳёи табиат», «Ҷашни озодагӣ ва озодагон», «Наврӯз -пайки шодмонӣ ва шодкомӣ», «Наврӯз ифодагари ормонҳои муқаддас ва неки миллист», «Наврӯз таърихи зиндаву бедор ва бақои миллати тоҷик аст» гирд оранд.

Китоб бо сифати баланд рӯи чоп омада, ҳамзамон дар он расмҳои марбут ба таҷлили ҷашни ниёгон - Наврӯз дар минтақаҳои кишвар ва дигар суннатҳои наврӯзӣ ҷо дода шудаанд.

То ҷое мусаллам аст, Наврӯз аз ҷашнҳои бостонии мардумони эронитабор буда, пайдоиши онро ба аҳди қадимтарин шоҳ-Каюмарс ва таҷлили Наврӯзро ба давраи салтанати шоҳ Ҷамшед нисбат медиҳанд.

Наврӯз аз қадимтарин ва муқаддастарин оини ниёгони мо маҳсуб ёфта, он аз фарорасии фасли зебои сол - баҳор ва оғози Соли нави аҷдодӣ паём мерасонад. Асолати иҷтимоию фарҳангии Наврӯз хеле бузург буда, он далели рушду пешрафти тафаккури созандаву бунёдкорӣ, муттаҳидию ҳамгироии мардумон аст. Маҳз бо назардошти асолати бузурги иҷтимоию фарҳангӣ ва қадимию таърихӣ доштани Наврӯз бо Қарори Маҷмааи кулли Созмони Милали Муттаҳид панҷ сол муқаддам Наврӯз ҷашни ҷаҳонӣ эътироф шуд. Ва ҳамасола 21 март ё худ рӯзи аввали фарвардинмоҳ дар ҷаҳон, хусусан дар он кишварҳое, ки аз Наврӯз таҷлил менамоянд, ин ҷашни фархунда бо шукӯҳи хосса, дар сатҳи баланд бо тамоми анъанаю суннатҳо ҷашн гирифта мешавад ва он мардумони сайёраро ба сарҷамъию ҳамзистӣ ҳидоят менамояд.

**АМИТ «Ховар**

Вохӯрӣ

# ҶАВОНОН БОЯД ҲУШЁР БОШАНД

Рӯзи 14 марти соли ҷорӣ бо ташаббуси шуъбаи тарбияи донишкада вохӯрии кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллӣ Қаноатулло Сайфуллоев ва Икром Сатторов бо донишҷӯён ва устодон баргузор гардид. Ноиби ректор оид ба таълим Илҳомуддин Иброҳимов чорабиниро ифтитоҳ намуда, изҳор дошт, ки ин вохӯрӣ барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва сиёсии донишҷӯёну кормандон мусоидат менамояд.



Полковники Кумитаи давлатии амнияти миллӣ Қаноатулло Сайфуллоев баромад намуда, изҳор дошт, ки аз соли 2010 то инҷониб 3178 нафар толибилми ба таҳсили динии ғайриқонунӣ дар хориҷи кишвар қарордошта баргардонида шуданд. Аз ин 5 фоизашро занону духтарон ташкил медиҳанд. Инчунин дар вохӯрӣ доир ба гаравиши ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ғайриқонунӣ сухан рафта, хатари онро бо ҷомеаи Тоҷикистон ифроз намуданд. Бехатарии сарҳадӣ, ҷангҳои дохилӣ дар кишвари ҳамсояи Афғонистон, ба доми фиребу ифротгароён наафтодани ҷавонону наврасон низ мавриди муҳокима қарор гирифт. Таассуфовар аст, ки дар ҷангҳои Сурия ва Ироқ шаҳрвандони раҳгумзадаи Тоҷикистон низ иштирок намуда, ҷони худро қурбони дасисаҳо ба фиреби гурӯҳҳои террористӣ гардониданд. Бинобар ин, ҷавононро ба ҳушёрии сиёсӣ, худшиносии миллӣ ва ифтихори ватандорӣ даъват намуданд.

# ЛЕКСИЯИ ПРОФЕССОРИ ДАЪВАТӢ



Бо ташаббуси шуъбаи робитаҳои байналмилалии донишкада ва дар ҳамдастӣ бо Ташкилоти IFC дар Тоҷикистон 20 марти соли ҷорӣ бо иштироки доираи васеи устодон ва донишҷӯён лексияи кушоди профессори даъватӣ Ҳамид Мамаджанов шунида шуд.

Сухани ифтитоҳиро Баҳром Сафаров муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ оғоз бахшида, қайд намуд, ки дар шароити муосири инкишофи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ яке аз масоили умдатарин ба шумор меравад.

Ҳамчунин дар он Раҳматшо Сайисмонов, муовини аввали сардори Ассосиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Ким Валерий, муовини раиси Ассосиатсияи бонкҳои Тоҷикистон ва Сафро Исоева, мушовири Корпоратсияи байналмилалии молиявии IFC иштирок доштанд.

Баъдан лексияи кушоди профессор, доктори илмҳои техникӣ Ҳамид Мамаджанов дар мавзӯи «Таъмини арзиши амволи манқул барои таъмини гарав» шунида шуд. Мавсуф зикр кард, ки истифодаи амволи манқул ҳамчун гарав дар бонкҳо имконияти молиявии аҳолӣ ва корхонаҳоро бобати дастрасии қарзҳои бонкӣ метавонад афзун намояд. Дар ин маврид таъмини арзиши амволи манқул, методҳои баҳодиҳӣ ва ҳисобкунии он барои субъектҳои бозор зарур ва саривақтист.

Бояд гуфт, ки баргузории ин қабил чорабиниҳо барои тақвияти дониши шунавандагон мусоидат менамояд.

**Камолиддин ШАРИФОВ**

# ПИРӮЗӢ ДАР ОЛИМПИАДА

Рӯзҳои 11-13 марти соли ҷорӣ озмун-олимпиадаи донишҷӯёни муассисаҳои олии касбии ҶТ барои дарёфти «Ҷоми Академияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯи 12 соҳаи илм баргузор гардид.

Дар он аз донишкада 17 нафар донишҷӯ сафарбар гардида, аз рӯи ҳамаи соҳаи илм иштирок намуданд. Дар рӯзи аввали озмун-олимпиада, ки рӯзи 11 март баргузор гардид, Президенти АИ ҶТ Фарҳод Раҳимӣ ҳамаи иштирокчиёни озмунро, ки аз 26 макотиби олии кишвар ҳозир шуда буданд, шодбош гуфта, ба онҳо муваффақият хост. Баъдан аз соҳаҳои гуногун соҳиби Ифтихорномаи АИ ҶТ ва институтҳои АИ ҶТ гардиданд, аз ҷумла дар соҳаи геология Ҳоҷиев Олисомон, донишҷӯи курси 1 факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ (роҳбари илмӣ Саидов Х.) Ифтихорномаи АИ ҶТ, донишҷӯи курси 1 факултети ҳисобдорӣ ва омор Шарифзода Фархунда дар соҳаи таърихи халқи тоҷик (роҳбари илмӣ Насриддинов Х.) соҳиби Ифтихорномаи АИ ҶТ, Зафари Саидқул, донишҷӯи курси 4 факултети молия ва қарз (роҳбари илмӣ Мирзоев Ғ.) аз соҳаи фалсафа Ифтихорномаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИ ҶТ, Сафарзода А., донишҷӯи курси 2, факултети ҳисобдорӣ ва омор (роҳбари илмӣ Убайдов Ф.) дар соҳаи иқтисод Ифтихорномаи Институти иқтисодиёт ва демографияи АИ ҶТ ва инчунин кафедраи назарияи иқтисоди донишкада низ бо Ифтихорномаи ҳамин Институт сарфароз гардонида шуданд.



бо бархе аз шоирону нависандагони тоҷик вохӯрӣ ва суҳбатҳои ҷолиб баргузор гардид.

Дар рӯзи дуюм, яъне 12 март озмун ҷараён гирифт ва дар ҷамъбаст донишҷӯёни мо Маллаева Манзура, донишҷӯи курси 3 факултети молия ва қарз аз соҳаи иқтисодиёт сазовори ҷои аввал (роҳбари илмӣ Балхов Д.), Самадзода Махфират, донишҷӯи курси 3 факултети иқтисоди молиявӣ ва андозбандӣ аз ҳамин соҳа ҷойи сеюм (роҳбари илмӣ Холматова С.), дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ Турахонзода Шаҳриёри Нурулло, магистранти соли дуюми донишкада ҷойи дуюм (роҳбари илмӣ Ғафуров Парвиз) ва дар соҳаи астрофизика донишҷӯи курси 1 факултети молия ва қарз Саидов Рамазон (роҳбари илмӣ Раҳимов Б.) сазовори ҷойи сеюм гардиданд.

Ба ғайр аз ин, якчанд донишҷӯёни дигар барои иштироки фаъол дар олимпиада

Дар ҷамъбасти олимпиада, ки рӯзи 13 март баргузор шуд, маълум гардид, ки дастаи олимпии ДМИТ дар байни ҳамаи макотиби олии кишвар аз рӯи ҷойҳои ишғолнамуда ҷои шашумро ишғол намуд, ки ин натиҷаи беҳтарин буда, моро водор месозад, ки минбаъд ба дастовардҳои аз ин ҳам беҳтар ноил гардем.

**Қутбиддин МУҚИМОВ, сардори шуъбаи корҳои илмӣ-тадқиқотии донишкада**

Хоҳӣ, ки азизат доранд, худ ва дигаронро азиз дор.

# БАЗМИ НАВРӮЗИИ ДМИТ




















**Наврӯзи ноз омад, гул ноз мекунад боз...**

# НАМУНАИ КАМОЛИ ИНСОНӢ



### ДИЛРО БА ДИЛ РАҲЕСТ...

Дар оғози фасли шукуфтанҳову рустанҳо, дар сарғаҳи рӯзи нав - Наврӯзи оламафрӯз ба дунё омадани Саъдулло Носиров – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, суханвару олими пурмаҳсул ва умуман инсони комил фоли нек ва пайомади хуш аст ва бояд гӯям, ки ба фазилати ӯ созгор.

Аз ҳамкориву ҳамнишинӣ ва огаҳӣ ёфтан аз дунёи пурғановати ин марди хирад онро дарёфтам, ки пиндори ӯ башардӯстонаву орифона, гуфтори ӯ шоиронаву хирадмандона, кирдори ӯ ҷавонмардонаву дилсӯзона аст, ки дар маҷмӯъ ҳамаи ин накӯиҳо ӯро боз ҳам солортару накутар менамоянд.

Инсондӯстиву нармдилии ӯро дар он эҳсос намудам, ки агар касе аз ҳамкорон ва ё устодон бемор шавад ва ё рӯзи сур ё ғам дошта бошад, ӯ дар бари он шахс аст. Ва агар рафта натавонад ҳам, бо занги телефонӣ: чӣ хизмат кунам? гуфта, ба кумакрасонӣ омода аст. Ҳамин як занги телефон ва таваҷҷуҳи хоса метавонад шифои бемор ва ё таскини дили ғамдор ва қуввати ҳар нафаре гардад. Шахс барои ҷомеа ва барои нафаре даркор буданаи худро эҳсос намуда, рухи тоза мегирад. Маҳз ҳамин гуна инсонҳо чун Саъдулло Носиров барои ҷомеаи мо заруранд, зеро бо ҳастии хеш атрофиёнро комгор мегардонанд. Ӯ инчунин пайваста аз бародаронаш ва хоҳари ягонааш бо меҳру муҳаббати беандоза сухан мегӯяд. Вақте гуфтори меҳрогину лутфомези ӯро дар бораи кордонӣ, сабурӣ ва рӯзгордории хоҳараш мешунавӣ, беихтиёр орзуи ин қабил бародари ғамхору дастгир доштанро мекунӣ. Умуман, пайвандону наздикон ва фарзандони Саъдулло Носиров хушбахттарин ва доротарин ашхосанд, ки ӯро доранд. Ӯ дар оила низ ҳамсари дилошнову ғамхор, падари сахтгиру роҳнамо ва бобои меҳрубон аст. Натиҷаи таълиму тарбияи дурусту комили ӯст, ки фарзандони ӯ дар ҳаёт роҳи дурустро интихоб намуда, ҳар кадоме аз пайи донишандӯзиву ҷустуҷӯянд.

Боз як сифати олии эшон ин шеърдонии ӯст. Ҳама андеша ва маъниро ӯ бо сухани ноби назм ифода мекунад, ки нишонрасу шуниданӣ гардида, аз фарҳанги волои сухандонию нуктасанҷӣ ва серутолиагиаш далолат мекунад.

Камоли инсониро дар камоли ахлоқ бояд ҷуст, гуфтаанд бузургон. Оре, ӯ бо хислатҳои наҷибаш, бо такаллуф ва меҳрубонии беандоза, фурӯтаниву вафодорӣ, бо ғайрату масъулиятшиносӣ чун хуршеди тобон ба атрофиён меҳрпошӣ мекунад.

### БЕҲИН ФАРДИ ҶАҲОН ОМӮЗГОР АСТ...

Саъдулло Носировро роҳбари серталаб буда, ҳамчунин рӯзноманигори пурмаҳсул, олими серамал ва аз ҳама муҳим омӯзгори асил аст. Пайваста дар паи беҳтару пурмазмун кардани нашрияи «Молия ва иқтисод» аст. Маҳз ба шарофати таҳрир ва маслиҳатҳои ӯ навиштаҳои мо мукаммалу ҳадафрас мегарданд.

Ӯ соҳибкитоб буда, бо таълифи асарҳои пурмазмуни соҳаи педагогика, ба мисли «Тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни ҳуқуқи инсон» (2007), «Роҳу воситаҳои ташаккули донишҳои зеҳнии хонандагон» (2010), «Педагогика. Маҷмӯаи таълимию методӣ барои низоми кредитии таҳсилот» (2014) дар рушди илми мазкур саҳми беандоза калон дорад. Айни ҳол дар болои кори доктории худ дар мавзӯи «Асосҳои дидактикӣ-психологии ташаккули донишҳои зеҳнии хонандагон» пажӯҳишҳои илмӣ мебарад.

Маҳз ба ин пеша фидоӣ ва сарсупурда будани ӯро аз машғулиятҳояш дарк намудан мумкин аст. Ӯ ҳар як дарсашро бо масъулият ва маҳорати баланди педагогӣ, тайёрии ҷиддӣ ва дар муқоиса бо ҳаёти феълии ҷомеаи тоҷикон гузаронда, донишҷӯро бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ мегардонад. Ӯ ҳамчунин ба аспирантону магистрантон дарс мегӯяд, ки шогирдонаш аз машғулиятҳояш қаноатманданд. Ӯ худ мегӯяд: «Имрӯз эътироф шудааст, ки омӯзгор шоҳсутуни таълиму тарбия дар ҷомеа маҳсуб меёбад. Аз ин нуктаи назар, омӯзгор бояд аз нигоҳи касбият ва хусусиятҳои шахсию иҷтимоӣ дар иҷрои корҳои педагогӣ комилан бо диди тоза омодагии ҳамаҷониба гирифта, барои расидан ба ҳадафҳои ниҳоӣ кӯшиш ба харҷ диҳад». Оре, рисолати омӯзгориро ӯ бо ҷиддият ва масъулияти баланд иҷро мекунаду аз хунукназарӣ ва саҳлангории бархе аз муаллимони тасодуфӣ афсӯс меҳӯрад. Таассуфи ӯ ҳамчун омӯзгори асил дар он аст, ки аз рӯи ин қабил муаллимони хасакӣ обрӯю эътибори омӯзгор дар назди толибилм коста мегардад.

### АНДЕШАИ ҲАМКОРОН

**Асадулло МУЛЛОҶОНОВ, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ:**
Банда ҳамчун мудири кафедрае, ки устод Саъдулло Носиров дар он кор мекунад, метавонам гӯям, ки гарчанде ки устод дар кафедра ҳамчун ҳамкор фаъолият дорад, вале аз кормандони штатӣ дида, бештар ба кафедра нафъаш мерасад ва ба устодони ҷавон дар ҷодаи маърифат ва маҳорати омӯзгорӣ дастуру маслиҳатҳои муфид медиҳад. Бо Саъдулло Носиров аз соли 2010 инҷониб шиносоӣ дорам ва эшонро ҳамчун марди кор мешиносам. Аз рӯзи шиносоӣ бо эшон ҳамеша дар ҳамкорӣ қарор дорем. Ростӣ, на ҳамаи нафароне, ки ба фаъолияти педагогӣ машғуланд, мисли устод Носиров С. ба касби худ ифтихор доранду онро хуб медонанд, зеро баъди пошхӯрии давлати Шӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвари азизамон нақши муаллим коста гардида, ин пешаи бузургро баъзе нафароне соҳиб шуданд, ки аслан шоистаи устодӣ ва муаллимӣ нестанд.

Носиров С. дар донишкада дар вазифаҳои гуногун фаъолият карда, аз ухдаи ҳамаи онҳо бо сарбаландӣ баромада, корро бе каму кост иҷро менамояд. Аз ҷумла, сардори шуъбаи тарбия, шуъбаи илм ва равобити байналмилалӣ, имрӯз бошад, вазифаи сардори шуъбаи табъу нашрро бар дӯш дошта, пайваста бахри пешрафти кор заҳмат мекашад. Одитарин корро барои худ бузург донист, дар иҷрои ҳар супориши додашуда сахт талош меварзад. Борҳо шоҳиди он гаштаам, ки ӯ барои иҷроиши баъзе супоришҳо худро зиёд азият дода, бахри иҷрои он ғусса низ меҳӯрад.

Чун пешаи асосиаш муаллимист нисбат ба дарсаш хеле ҷиддӣ ва бомасъулият рафтор намуда, бо тамоми иштиёқ кӯшиш менамояд, ки тамоми нозукиҳои мавзӯъро ба донишҷӯён фаҳмонад. Як ҳикматро, ки ҳамеша шиори кору фаъолияташ медонаду банда онро аз ӯ борҳо шунидаам, доимо ба таъкид такрор мекунад:

**Дарси муаллим ар бувад**
**замзамаи муҳаббате,**
**Ҷумла ба мактаб оварад**
**тифли гурезпойро.**

Оре, воқеан чунин аст. Ҳар устоде, ки нисбати фаъолияти педагогиаш ҷиддӣ ва касбашро дӯст дорад, бетамаъ ба донишҷӯён дарс мегӯяд ва шогирдон низ ӯро ҳамеша дар зиндагиаш бо некӣ ёдоварӣ намуда, аз ӯ хотираҳои нек мегӯянд. Аммо имрӯз, мутаассифона, ҳастанд нафароне, ки тамаъҷӯӣ намуда, манфиати худро аз манфиатҳои миллӣ ва умумӣ боло медонанд, ки на ҷавобгӯи меъёрҳои ахлоқӣ асту на инсонӣ. Вале устод Носиров бошад, яке аз он нафаронест, ки ҳамеша ба донишҷӯён дарси хуб гуфта, аз ҳама гуна корҳои ғаразнок пок аст ва ҳамеша дар фикри манофеи миллист. Мо фахр мекунем, ки бо чунин инсон ҳамкору ҳамкаринем.

Дар атрофи фаъолият ва хислатҳои наҷиби ин донишманд зиёд навиштан мумкин, аммо ба ҳамин иктифо намуда, ба ҳамкори азизам дар рӯзи мавлудашон тамоми хушиҳои рӯзгорро орзу дорам.

**Раъно ҲАКИМОВА, муҳаррири шуъбаи табъу нашр:** Ёд дорам, вақте ки ба шуъбаи табъу нашри ДМИТ барои ҷустуҷӯи кор омадам, нахуст мудири шуъба - Саъдулло Носиров бандаро барои гузаштан аз санҷиш ду ҷузъи чопӣ пешниҳод намуданд ва таъкид карданд, ки ин ҷо кормандонро тариқи озмун ба кор қабул мекунанд, зеро донистани тамоми меъёрҳои нигорандагӣ барои кормандй матбуот аз ҳама зарууртар аст.

Хушбахтона, аз озмун гузаштам. Аз рӯзҳои аввал кормандони шуъбаро дар тифоқию ба якдигар маслиҳатгару ёрирасон дарёфтам. Бар замми ин, ҳис мекардам, ки мудири шуъба фардест донишманд, ҷӯянда ва барои пешрафти назарраси кори худу ҳамкасбон равшанфикру дорои маърифати воло.

Беҳуда ҳам аҳли назар нагуфтаанд, ки агар мақсади гӯяндаро хубтару беҳтар фаҳмидан хоҳӣ, сомеи ботаҳаммул бош. Ва ҳар дафъае, ки сари мизи машварат менишастем, шоҳиди он мегаштам, ки чӣ гуна бо як огоҳмандию ҷаҳонбинии васеъ Саъдулло Носиров нозукиҳои пешаи қаламфарсоию омӯзгориро мӯшикофона ҳаллу фасл намуда, ҷавононро дар ҷодаи эҷодкорӣ раҳнамоӣ мекунанд.

Равшан аст, ки дар ҳар корхона, пеш аз ҳама, мутаҳидии кормандон суботи кор аст ва Саъдулло Носиров ҳам ин масъаларо дуруст дарк намуда, мудом бар он талош меварзанд, ки дар фазои солими эҷодиро дар байни кормандон нигоҳ доранд. Зеро боре ҳам мушоҳида накардаем, ки бо нафаре аз ҳамкорону тобеон муносибати дағал дошта бошанд, ё каломи носазое радду бадал карда бошанд. Баръакс, доим мекӯшанд сухане дар борабари сомеон ба забон оранд, ки муҷиби қабули аҳли назар бошад.

Гуфтан ба маврид аст, ки роҳбари сахтгиранд, аммо серталабиашон ҳам омехтаи алфози қобили қабули шунаванда. Риояи мунтазами интизоми меҳнат ва самаранок истифода бурдани вақти корӣ ҳам яке аз ҷанбаҳои муҳими кори он кас ба ҳисоб меравад. Ҳамавақт ҳамкоронро хушдор медиҳанд, ки ба маданияти суханронию сухандонӣ аҳамият диҳанд, дар муоширатбо атрофиён ҳамидарафторӣ намоянд, вазифаҳояшонро мувофиқи салоҳияташон иҷро намоянд.

Бояд иброз дошт, ки фаъолияти шуъба, ба қавле аз сифр оғоз ёфта, зери роҳбарии ин инсони наҷиб сифати кор рӯз то рӯз шоистатар мегардад. Маҳз таҳрири маводи методию таълимӣ, мақолаҳои илмӣ ва фаъолияти маҷаллаи илмии «Паёми ДМИТ» беҳтар ба роҳ монда шуда, ҳамзамон аҳли эҷоди рӯзномаи «Молия ва иқтисод» ҳам умед бар он доранд, ки маҳз бо кордонию маслиҳат ва машваратҳои пайвастаи Саъдулло Носиров рӯзнома ба дастовардҳои назаррас ноил хоҳад гашт.

**Насрулло ТӮЙЧИЗОДА, мухбири рӯзнома:** Дар бораи хислатҳои ҳамидаи инсонии устод Саъдулло Носиров ҳанӯз қабл аз ба донишкада ба кор омадан огаҳ будам. Воқеан ҳам фазилатҳои беҳтарини инсонӣ ва дониши амиқи эшон барои мо ҷавонон ибрат аст.

Саъдулло Носиров ҳамчун олими сермаҳсул, педагоги варзида ва қаламкаш солиёни зиёдест, ки дар асари мактабу маориф ва матбуот заҳмат мекашанд. Китобҳои таълифнамудаи соҳавӣ ва мақолаҳои бешумори устод гувоҳи ин гуфтаҳоянд.

**ТАМАННИЁТ**

Амали нексириштонро худ тавсифест, ки аз ин беҳтар натавон тавсиф кард.

Накутарин коре, ки инсон дар зиндагии худ анҷом медиҳад, ин ба атрофиён хайрандешӣ ва некӣ кардан аст, мегӯяд ӯ.

Чун шоир гуфта:

**Сафҳаи умр бувад дафтари**
**умри ҳама халқ,**
**Инчунин гуфт хирадманд**
**чу андеша гумошт.**
**Хуррам он кас, ки дар ин**
**дафтари пок аз ҳама**
**ҳарф,**
**Рақами хайр кашиду асари**
**хайр гузошт.**

Ин аст шиораш дар зиндагӣ.

Мароми зиндагаш дар мақоми аввал ва сифати олӣ анҷом додани рисолати ӯ ҳамчун инсон аст. Ӯ дар куҷое набошад ва дар кадом вазифае кор накунад, аз директори мактаб сар карда, то муовини ректори оид ба корҳои таълими Донишкадаи технологияи инноватсионӣ ва коммуникатсионии Тоҷикистон ва дигар мақоми роҳбарӣ бо ҳақпарастиву боандешагӣ, бо меҳр коштан дар қалбҳо, бо риштаи дӯстиву рафоқат бастан худро муаррифӣ намуда, аз хештан гузаштҳо кардааст.

Имрӯзҳо, ки Саъдулло Носиров ҷашни нимасраи мавлуд дорад, барояш тансиҳативу хотирҷамъӣ, саодати рӯзгор, неруи беинтиҳо ва эҷоди тоза ба тоза таманно намуда, аз номи шоир мегӯем:

**Намехоҳем сарат**
**хамгашта бошад,**
**Намехоҳем дилат**
**ғамгашта бошад.**
**Фақат хоҳем дар ин**
**дунёи равшан**
**Дилат шоду лабат**
**пурханда бошад.**

**Машҳураи НЕЪМАТЗОД**

# НАВРӮЗ ҶАШНИ ВАҲДАТ АСТ



Наврӯз аз қадимулайём ҳамеша рамзи рӯзи нав, рӯзи бедорӣ, рӯзи эҳё, рӯзи зиндагии тоза, рӯзи боварӣ ба ояндa будааст. Аз ҳама ҷашнҳое, ки инсон пас аз шинохти худ ва Худо эҷод кардааст, бегумон Наврӯз аст, ки инсонро аз хона ба кӯча, ба оғӯши табиат мебарад, бо гулу гиёҳҳо ва паррандагону дарахтон, абру борон мепайвандад.

Дар хотираи аҷдодони мо ҳама рӯйдодҳои бузурги сарнавиштсоз ва шодиовар пайвандӣ бо Наврӯз доранд, ба подшоҳӣ расидани Каюмарс, кашфи оташ аз сӯи Ҳушанг, пирӯзии Таҳмурас бар девҳо, тоҷгузории Ҷамшед, зодани Зардушт ва ғайра.

Наврӯз дар таърихи миллати мо рамзи шикастнопазирии рӯҳи миллӣ низ будааст. Дар Эронзамин, хусусан дар Хуросони бузург, дар даврони хунрезиҳои макдуниён ва аъробу муғул тоҷикон пешопеши дами шамшер ва борони тир Наврӯзро ҷашн мегирифтанд. Он Наврӯз Наврӯзи шодӣ набуда, балки он Наврӯзи тантанаи рӯҳи нашикастани миллат будааст.

Пас, Наврӯз танҳо ҷашни бедории табиат, зинда шудани гулу сабза набудааст. Наврӯз, нахуст аз ҳама, ҷашни бедории инсон, бедории рӯҳу ҷон аст, рӯзи ба ёд овардани гузашта ва рӯзи нигоҳ ба имрӯз ва андеша аз оянда аст. Наврӯз ҷашни даъват ба созандагӣ, бунёдкорӣ ва эҷодкорист.

Хушбахтона, Наврӯзи тоҷикон ҷаҳонӣ шуда, имсол 5-солагии ҷаҳонишавии онро мо кулли форсизабонони ориёинажод бо як ҷаҳон фараҳу шодмонии бузург ҷашн мегирем ва ин боиси сарбаландии мост, ки иди озодии моро халқи ҷаҳон эътироф кардааст. Ва соли равон бо фармони Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ангораи Наврӯз ташкил карда шуд ва ин ҳам яке аз нишонаҳои Ваҳдату сулҳу субoти тоҷикон аст.

Наврӯзи ҷаҳон ҷашни покиву зебоӣ ва ҷашни оғози эҳёст ва бошад, ки Наврӯзи имсола ҳам оғози эҳёи андешаи миллӣ гардад. Иттиҳоду ваҳдати моро мустаҳкам созад, дар роҳи эҷоду бунёд ба мо неруву тавон бахшад.

**Дӯстон,ҷашни дилафрӯз муборак бошад,**
**Нафаси тозаи Наврӯз муборак бошад!**

**Иматшоев З., муовини декан оид ба илми факултаи муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ**

# БОЗ НАВРӮЗ ОМАД



Наврӯз аз қадимтарин идҳои мардуми тоҷик маҳсуб ёфта, мувофиқи шаҳодати сарчашмаҳо таърихи шашҳазорсола дорад. Миллати тоҷдори тоҷик ҳам, ба ин иди аҷдодии хеш таваҷҷуҳи беандоза дошта, ҳамасола бо фарорасии фасли баҳори фархундапай ин ҷашни муборакро бо шукӯҳу шаҳомати хосса пешвоз мегирад. Тавре дар манбаъҳои таърихӣ омадааст, аввалин подшоҳе, ки ин идро ҷашн гирифтааст, подшоҳи Форс - Ҷамшед буд.

Мутобиқи тақвими аҷдодиамон ба низоми ҳаракати сайёраҳо 21-уми март шабу рӯз баробар шуда, рӯзи аввали баҳор, айёми киштукори деҳқон ба шумор меравад. Наврӯз бо қарори Созмони Милали Муттаҳид ба як иди ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Тоҷикистон шояд тамоми ҳақро дошта бошад, ки Соли нави худро аз фарорасии Наврӯз оғоз бахшад. Наврӯз ба унвони иди баҳор ва эҳёи табиат дар кулли кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷашн гирифта мешавад. Наврӯз дар кишвари мо ба таври расмӣ ҳар сол 21 март ҷашн гирифта мешавад. Аммо бархе аз муҳаққиқони ойинҳои Наврӯзӣ бар ин назаранд, ки мақомоти кишварҳои туркзабони Осиёи Марказӣ Наврӯзро танҳо ба хотири таъмини бақои таърихии мардуми худ ҷашн мегиранд. Бо таваҷҷуҳ ба ин, ки мардумони Осиёи Марказӣ равобити хуби таърихӣ доштанд, ҷашни Наврӯз дар миёни кишварҳои туркзабони минтақаи Осиёи Миёна, ба вижа ӯзбекҳо, қирғизҳо, қазоқҳо ва туркманҳо низ дар натиҷаи равобити фарҳангӣ, иҷтимоӣ иқтисодӣ ва мавқеи ҷуғрофӣ густариш ёфтааст.

Ҳоло ки дар шаҳрҳои марказӣ - Самарқанд, Бухоро, Тирмиз, Деҳнав, ки мардуми тоҷик аз қадимулайём сукунат доранд ва мардуми таҳҷоии ин минтақа тоҷик ҳастанд, суннат ва анъаноти Наврӯз ҳифз шуда, мардуми ӯзбек низ бо чунин расм аз Наврӯз таҷлил ва амал меоранд. Дар манотиқи мухталифи Ӯзбекистон ғизои наврӯзӣ - саману ё суманак омода карда мешавад, ки мардуми ин кишвар онро «сумалак» мегӯянд.

Вожаи «Наврӯз» маънои «Рӯзи нав»-ро дорад, ки иди баҳор, ибтидои Соли нав, баробарии шабу рӯз буда, рӯзҳои асосии ид аз 21-ум то 22-юми март мебошад. Мусаллам аст, ки мардуми ҳар мулку минтақа онро бо расму ойини бобоии худ ҷашн мегиранд. Айни ҳол дар Тоҷикистон Наврӯз аз 21-ум то 24-уми март ҷашн гирифта мешавад, ки рӯзҳои истироҳатӣ эълон шудаанд.

Бояд зикр кард, ки қадимтарин манбае, ки дар бораи Наврӯз маълумот медиҳад, китоби муқаддаси зардуштиён «Авесто» мебошад.

Ғайр аз ин, дар «Наврӯзнома»-и Умари Хайём гуфта шудааст, ки Ҷамшед ин рӯзро Наврӯз номида, онро ба расми оин дохил кард.

Мардумон ин идро аз ҳамон давраҳои дури таърихӣ ба ҷашн гирифтан оғоз бахшиданд ва дар доираи баргузории он маросимҳои халқӣ, ҳамчун ҷуфтбаророн, аловпарак, бузкашӣ, пойга, гуштингирӣ, арғамчинкашӣ ва ғайраро барпо месозанд. Аз ҳама зиёд дар ин ид кадбонуҳо дар тараддуд меафтанд ва барои ороиши дастархони идона ҳар гуна анвои хӯрдании барои фасли сол мувофиқро тайёр мекунанд. Бояд гуфт, ки таомҳое, ки дар хони наврӯзӣ гузошта мешаванд, бояд ҳарфҳои «син» ва «шин» сар шаванд, зеро ин одат бозгӯяндаи рамзи дастурхони наврӯзӣ дониста мешавад ва онро «Ҳафтсин»-у «Ҳафтшин» меноманд. Зеро мувофиқи расму ойини дини зардуштӣ ва исломӣ рақами 7 муқаддас шумурда мешавад. Асосан, ҳамчун расм «Ҳафтсин»-ро арабҳо дохил кардаанд, аз сабабе ки дар ислом нӯшидани шароб манъ аст, лекин «Ҳафтшин»-ро ҳам аз байн бурда натавонистанд ва он то имрӯз дар байни мардум роиҷ аст.

Дар анҷом, ҳамаи ҳамватанонро бо фарорасии фасли баҳори фархундапай ва Наврӯзи оламафрӯз шодбош гуфта, таманнои онро дорам, ки осмони диёр доимо софу беғубор ва анбори ҳар як сокини кишварମoломоли ғалла бошад.

**Халифаев Ҷовидон, донишҷӯи курси 1, факултаи иқтисоди молиявӣ ва андозбандӣ**

# ТОҶИКИСТОН ВАТАНИ НАВРӮЗ АСТ

**Наврӯз рамзи баҳор, оғози сол ва киштукор аст. Баҳорон аввалин шукуфа, аввалин ғунча, аввалин майса чун тифли маъсум сар мекашад, резабoрони баҳор марворидсон ба рӯи гулу гиёҳҳои навруста борида, ба давродаври онҳо шадда мебандад.**

Сарвари давлатамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд: «Наврӯз баёнгари тафаккури таърихӣ, симои маънавӣ, сиришти ахлоқӣ, орзую ормон, расму ойин, ҷаҳонбинию ҷаҳоншиносии миллатамон буда, дар тӯли мавҷудияташ арзишҳои фарҳангию миллии моро дар таркиби худ ҳифз кардааст».

Наврӯз гиромитарин ҷашни бостонии мо буда, халқ онро то ба имрӯз пос медорад. Бо фарорасии Наврӯз табиат пероҳани сабзу пургул ба бар мегирад. Айёми фараҳбахшу шодигустар ба кишвари дилҳо ва орзуҳо ворид мешавад. Наврӯз тақрибан се ҳазор сол муқаддам пайваста ба оғозу инкишофи деҳқонӣ пайдо шуда, минбаъд такмилу ривоҷ ёфтааст. Ин ҷашн баъди чанд ҳазор сол то ба мо омада расидааст. Вақте, ки Наврӯз фаро мерасад, мардум ба ҳамдигар меҳри бештар пайдо мекунанд. Дар ин рӯз кинаву адоватро дар саҳифаи дафтари соли сипаришуда гузошта, зиндагиро аз саҳифаи нави поку покиза оғоз мебахшанд. Мардуми доро ба мардуми нодор ба қадри имконияташон дасти мадад дароз мекунанд.

Халқи тоҷик «Тоҷикистон ватани Наврӯз аст»-ро шиори худ карда, ба ин ҷашни қадима тайёрии ҷиддӣ мебинанд ва онро бо шукӯҳу шаҳомати хосае таҷлил менамоянд.

Дастархони наврӯзӣ ғанитарин дастархони идҳо буд. Дар он ширинӣ, шарбат, шароб, шамъ, шона, шамшод, шаҳд, нон, тухм, меваҷот, суманак ва дигар хӯрокиҳо, ки рамзи фаровонию хушбахтии насли башар ба ҳисоб мерафт, мегузоштанд. Рақами 7 дар оини гузаштагон бузург буд ва ба ин хотир дастархони ҳафт син ва ҳафт шин меоростанд. Ҳафт син аз қабили себ, санҷид, сирко, сим, сабза, сабзӣ ва сумоқро дар бар мегирифт, ин ишора ба ҳафт фариштагони бузург аст.

Умуман, Наврӯз ҷашнест, ки табиатро аз нав зинда гардонида, дар қалби инсонҳо шодию фараҳ мефизояд ва ҷумла мавҷудоту махлуқот интизори омаданаш ҳастанд.



Омад-омади баҳори фархундапай, Наврӯзи ҳуҷастаро ба кулли ҳамватанон шодбош гуфта, ба онҳо сарсабзию хуррамӣ ва саодатмандии рӯзгорро орзумандам.

**Нафаси тозаи Наврӯз муборак бошад,**
**Ҷашни фархундаю фирӯз муборак бошад.**
**Ҳама ҷо хуррамию тозаҷавонӣ бинам,**
**Чеҳрапокию дилафрӯзӣ муборак бошад.**

**Ҳангома Бобоева, донишҷӯи курси 1, факултети ҳисобдорӣ ва омор**

# ОБ - САРЧАШМАИ ҲАЁТ

14 март дар донишкада дар доираи 10-солагии «Амалиёти об барои ҳаёт» дар мавзӯи «Об - сарчашмаи ҳаёт» мизи мудаввар доир гардид. Онро бо сухани муқаддимавӣ ноиби ректор оид ба илм Ғиёсиддин Ашуров ифтитоҳ намуда, афзуд, ки маҳз бо талошу иқдомҳои созандаи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор дар самти ҳамкорӣ дар соҳаи об дар ҷаҳон маълум гаштааст.

Сипас, сардори Раёсати захираҳои оби Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон Тағоймурод Гулов дар мавзӯи «Захираҳои обӣ ва аҳамияти онҳо барои рушди устувори Тоҷикистон» маърӯза намуд. Зикр гардид, ки бо ташаббуси Тоҷикистон аз минбарҳои баланди СММ соли 2003 - Соли байналмилалии оби тоза, солҳои 2005-2015 Даҳсолаи об барои ҳаёт ва соли 2013 Соли ҳамкорӣ дар соҳаи об эълон гардид. Дар ин муддат пойтахти мо - Душанбе борҳо ба маркази баргузории чорабинӣ ва конфронсҳои бузурги сатҳи байналмилалӣ мубаддал гардид. Чӣ тавре, ки Т. Гулов зикр намуд, асоси сарчашмаи обии Тоҷикистонро пиряххо ташкил медиҳанд, ки 845 километр тӯл кашидаанд. Дар қаламрави Тоҷикистон 947 дарё бо дарозии умумии 28 ҳазору 500 км ҷорӣ мегардад. Аз рӯи захираҳои гидроэнергетикӣ Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ дар ҷои якум ва дар ҷаҳон ҷои 8-умро соҳиб аст.

Бозор Абдураҳимов - сардори Маркази стандартикунонӣ ва меъёрҳои экологии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Муоина ва ҳифзи захираҳои манбаъҳои обӣ дар ҶТ», Анвар Қодиров - ходими илмии Маркази илмӣ-тадқиқотии ҳифзи захираҳои оби КМҲЗ дар мавзӯи «Ташхис ва сифати захираҳои об ва масъалаи пешгирии ифлосшавии онҳо», Қурбон Суяров - дотсенти кафедраи кимиёи физикӣ ва калоидии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон дар мавзӯи «Мавқеи об дар эҷодиёти олимони Машриқзамин» баромад намуда, аз аҳамияти беназири об ҳамчун сарчашмаи ҳаёт ёдовар шуданд.

Мизи мудаввар бо саволу ҷавоб ва муҳокимарониҳои судманд анҷом ёфт.

**Насрулло ТӮЙЧИЗОДА**

# ШУМО СТИПЕНДИЯИ ХУДРО БАРОИ ЧӢ САРФ МЕКУНЕД?

**Малика Одинаева - донишҷӯи курси 1, факултаи технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт:**



- Ман стипендияи худро барои омӯхтани забони англисӣ сарф менамоям. Яъне ба дарсҳои иловагӣ меравам ва китоби луғатҳоро харидорӣ мекунам. Ҳарчанд стипендияи донишҷӯён маблағи калон нест, аммо ба мо хеле ёрӣ мерасонад.

**Раҳмон Сафаралиев - донишҷӯи курси 2, факултаи менеҷмент ва ҳуқуқи молиявӣ:**



- Стипендияамро барои интернет сарф менамоям. Имрӯз интернет бемуболиға ба махзани дониш мубаддал гаштааст. Зеро ҳангоми навишти кори курсӣ ё бештар иттилоъ пайдо намудан доир ба дилхоҳ мавзӯъ мо аз он фаровон истифода мебарем. Инчунин стипендия ба роҳкиро ва пули телефон сарф мешавад.

**Махфират Самадзода- донишҷӯи курси 3, факултаи иқтисоди молиявӣ ва андозбандӣ:**



- Ман гирандаи стипендияи президентӣ мебошам, ки он 650 сомониро ташкил медиҳад. Маблағи стипендиямро барои дарсҳои иловагӣ сарф менамоям. Ҳамчунин аз баски маблағ тавассути корти пластикӣ мегузарад, баъзан захира низ менамоям.

**Анҷуман Мирзоева- донишҷӯи курси 4, факултаи ҳисобдорӣ ва омор:**



- Вақте бори аввал стипендия гирифта будам, бо ҳамсабақон дар ошхона таом хӯрда будем. Умуман стипендияи худро ба роҳкиро ва хӯроки нисфирӯзӣ масраф менамоем.

**Аъзамҷон Тӯразода- - донишҷӯи курси 4, факултаи иқтисоди молиявӣ ва андозбандӣ:**

- Аввалин коре, ки пас аз гирифтани стипендия мекунем, ошхонаравӣ мебошад. Инчунин баъзе ҳамсабақонеро, ки стипендия намегиранд, ба хӯроки нисфирӯзӣ таклиф мекунем. Стипендияи ман асосан ба нақлиёт сарф мешавад.



**Шаҳноза Давлатшоева- донишҷӯи курси 4, факултаи муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ:**



- Чун ман дар хобгоҳ зиндагӣ мекунам, стипендиям асосан барои ғизо масраф мегардад. Инчунин барои роҳкиро ба хонаамон, ки дар ноҳияи Турсунзода воқеъ аст, сарф менамоям.

**Асадулло Абдуллоев- донишҷӯи курси 2, факултаи ҳисобдорӣ ва омор:**



- Стипендиям барои харидани ашёҳои хониш ва китоб сарф менамоям. Боиси афсӯс аст, ки китобҳо низ гарон мебошанд. Аз ин хотир, таклиф мекардем, ки стипендия низ то қадри имкон баландтар шавад.

**Алиакбар Оймаҳмадов- донишҷӯи курси 1, факултаи менеҷмент ва ҳуқуқи молиявӣ:**



- Вақте стипендия мегирам, ягон камбудии доштаамро дарҳол рафъ месозам. Стипендияи ман 96 сомонӣ аст ва он асосан ба роҳкиро ва ғизо сарф мешавад. Бо аввалин стипендиям дуои модарамро гирифта будам.

**Нигина Талбакова- донишҷӯи курси 4, факултаи молия ва қарз:**

- Умуман, ман пул ҷамъ намуда, чизҳои боарзиш мехарам. Стипендияи худро 2 сол ҷамъ карда, ноутбук харидам.

**Фозил Худойбердиев - донишҷӯи курси 4, факултаи молия ва қарз:**



- Одатан стипендияи ман ба роҳкиро сарф мешавад. Роҳкиро ба самти донишгоҳ ё китобхона. Инчунин барои харидории рӯзномаю маҷаллаҳо.

**Назира Бобохоҷаева - донишҷӯи курси 3, факултаи молия ва қарз:**



- Стипендияи худро барои роҳкиро, маводи конселярӣ, либос ва беҳдошти саломатиам масраф менамоям. Ҳарчанд стипендияи донишҷӯӣ бисёр нест, аммо бобаракат аст.

**Насриддин Бозоров - донишҷӯи курси 4, факултаи иқтисоди молиявӣ ва андозбандӣ:**



-Қаблан стипендия мегирифтам, вале ҳоло аз сабаби паст шудани рейтингам намегирам. Одатан стипендияи худро барои роҳкиро, ашёи хониш ва хӯрок сарф менамудам.

**Суҳбаторо Насрулло ТӮЙЧИЗОДА**

# МУЖДАИ НАВРӮЗ

**Наврӯз биё, ки**
**интизорем туро,**
**Ҳар дам нигарон**
**ба чашми чорем туро.**
**Бозой ба мулки мо,**
**ки ҳар пиру ҷавон,**
**Пазмону ҳамеша дӯст**
**дорем туро.**

Наврӯз риштаи ҷовидонаи пайванди инсону табиат, дақиқтарин мизони рафтуои фаслҳои сол ва рӯзгори одамон аст. Наврӯз оғози сол, оғози зиндагии тоза, оғози умеду орзу ва бахту саодат буда, ба остонаи ҳар як хонадон чун пайки шодиву нишот ва эҳёи замину табиат қадам мениҳад. Наврӯз бо фароғасии худ кулбаву кошонаи моро нуру зиё мебахшад, дар вуҷуди мо поктарин эҳсосот ва волотарин умеду орзуро бедор месозад. Наврӯз бо нафаси муборакашз хеш адовату кинаро аз замири мо дур месозад, меҳри бародарӣ, шафқату меҳрубонӣ ва хайру саховатро дар қалби ҳар яки мо меангезад. Ин ҷашни накуву покизагӣ аз рӯи эътиқоди ниёгон ба дастархони ҳар хонадон файзу баракат оварда, ризқу рӯзии пиру барноро меафзояд ва ба кишоварзон кушоиши кору ҳосили фаровон мебахшад. Аз ин ҷост,ки мардуми мо наврӯзро дар давоми асрҳо чун муждаи эҳёи табиат, бедории замин ва коштани нахустин донаҳои умед ба он азизу гиромӣ медоранд ва онро ба дуои хайру орзуҳои нек ва нақшаҳои ободгариву созандагӣ пешвоз мегиранд. Наврӯз пайванди мову гузаштагони сарбаланди мост, ки онҳоро аз жарфи қарнҳо берун мекашад ва моро сари дастархони наврӯзӣ ба ҳам меорад… Бале, Наврӯз як таъкиде аз гузаштагон аст… То фаромӯш насозем, ки ҳуқуқи хиёнат ба эшонро надорем ва суннатҳои эшонро пос медорем ва бо Наврӯз онро ба ҳазорсолаи дигар мефиристем… То он замоне ки моро низ ба мисли шоҳ Ҷамшед ба ихтиёри асотирҳо бисупоранд… Мо бо Наврӯз тулӯъ кардем ва бо Наврӯз ғуруб хоҳем кард…!

Ҳамин тариқ, мо умед дорем, ки Наврӯзи имсола низ бо қадами муборакаш ба мардуми куҳанбунёд, бофарҳанг ва заҳматдӯсти мо дар роҳи талоши созандагиву бунёдкорӣ ва марҳилаи ободонии кишвари соҳибистиқлол ва миллати тамаддунсозамон муждаи тоза меорад.

Дар охир гуфтаниям, ки мо, ҷавонон хушҳол аз онем, ки дар Ватани осоиштаву соҳибистиқлол зиндагӣ мекунем ва ҳамасола Наврӯзро сарҷамъона ҷашн мегирем.

**Муслиҳиддин РАҲИМОВ, донишҷӯи курси 1, факултети ҳисобдорӣ ва омор**

# НАВРУЗ – ПРАЗДНИК ВЕСНЫ, ЗЕМЛИ И ЦВЕТОВ

Таджикистан – страна контрастов, а таджики – потомки древнейшей ветви индоевропейской семьи народов. Это проявляется и в природных условиях, и в обычаях таджиков.

Народные обычаи – это исторически сложившиеся нормы поведения. У таджиков сохранились многие народные традиции. Одной из этих традиций является празднование в начале весны праздника Навруз. Навруз означает «новый день», первый день весны, и отмечался он 21 марта. Это время прихода весны, обновления земли.

Крестьяне на Востоке считали дни по солнечному календарю. Праздновали Навруз тогда, когда день был равен ночи. «Значит, пришло время сеять» - говорил дехканин. В этот день дехкане выходили в поле и сеяли хлеб, хлопок.

Люди старались как можно лучше подготовиться к празднику. «Плохо встретишь весну - плохим будет весь год».

Навруз сохранил свои традиции. Это весёлый и радостный праздник. В этот день собирают первые цветы - подснежники (бойчечак). В кишлаках детвора и молодёжь ходят по дворам, поют песни о весне и дарят цветы, поздравляя с праздником. И в городах все люди выходят на улицы. Они сажают деревья и цветы. В дни праздника устраивают конные соревнования, которые называются «бузкаши»

«Бузкаши» - национальная игра таджиков. Эта игра - состязание наездников, которые должны быть ловкими, сильными и смелыми.

«Гуштингири» - спортивная игра, борьба самых сильных мужчин, также проводится в дни празднования Навруза.

В этот день стол (дастархан) украшается сладкими блюдами из пшеничной муки, которыми угощают родственников, друзей, знакомых. На Нарвуз считается традиционным готовить суманак.

«Суманак» - это варенье из смеси сока проростков пшеницы и муки. Женщины готовят его почти сутки. Это тоже своеобразный обряд – суманакпази, на который собираются все вместе, собирают сок проростков пшеницы и варят его в больших казанах, добавляя пшеничную муку. В этот день играет веселая музыка, женщины и девушки поют песни, танцуют, рассказывают смешные истории, читают стихи.

К празднику Навруз шьют новую одежду. Женщины надевают платья из шелка – чакангулдузи. Гулдузи является составляющей частью национальной одежды. Эту ткань украшают вышивкой из шелковых нитей. Были времена, когда забыли про чакан-гулдузи, но в наши дни он приобрел второе рождение и современные таджикские девушки в сейчас гордо и смело носят платья именно из такого шелка, история производства которого насчитывает больше века. Они заплетают мелкие косички и надевают на голову токи. «Токи» - это национальный головной убор, вышитый нитями из шелка. Особенно нарядны в этот день дети.

В дни празднования Навруза проходят соревнования певцов - гафизов. Они поют в праздничные песни. В эти дни особенно популярны мелодии дойры, дутара и флейты (ная).

Навруз на Востоке - это забота о Земле, надежда на счастье и процветание, на её будущую щедрость.

Навруз - праздник подснежников и тюльпанов, праздник молодости древней земли.

Не случайно день весеннего равноденствия - 21 марта - объявлен ООН Днём Земли.

Благодаря усилиям Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмон - Навруз получил статус Международного праздника Весны.

**РАХИМОВА Мехрангез, студентка 1 курса, факультета финансов и кредита**

# МАВЛУД МУБОРАК!

**Муҳтарам, Баҳоваддин Қодиров!**

Шуморо ба муносибати мавлуди пайғамбариатон, ки дар остонаи Наврӯзи оламафрӯз рост омадааст, табрик ва таҳният гуфта, бароятон тандурустии комил, умри дарози пурбаракат, дар хонадонатон саодату сафо ва дар корҳоятон муваффақиятҳо орзумандем:

**Мавлуди хуҷастаат баҳор асту баҳор,**
**Иқбол ба бар намуда, давлат ба канор.**
**Дар рӯзи таваллудат таманно дорем,**
**Дилдор яку умр саду шодӣ ҳазор.**

# ДУОИ НАВРӮЗӢ

**Боз Наврӯз омаду дил шуд ҷавон,**
**Кӯҳнашаҳру кӯҳнаманзил шуд ҷавон,**
**Меҳр шуд бедор дар ҳафт осмон,**
**Офтобо, эй фурӯғи сад ҷаҳон,**
**То ба Наврӯзи дигар моро расон!**

**Гарчи сар бар уфқи афлокем мо,**
**Лек умре реша дар хокем мо,**
**Саҷдагар бар модари покем мо,**
**Модари ҷонбахши мо, эй хокдон,**
**То ба Наврӯзи дигар моро расон!**

**Марди деҳқон сарнавишти нав навишт,**
**Сарнавиште аз биҳишти нав навишт,**
**Ёлаҳоро ҷуфт карду дона кишт,**
**Гуфт деҳқон: - Эй насиби обу дон,**
**То ба Наврӯзи дигар моро расон!**

**Бо умеди иди Наврӯзи дигар,**
**Бо умеди боз як соли дигар,**
**Мо ҳама ҳастем сӯят саҷдагар,**
**Эй Худованди замину осмон,**
**То ба Наврӯзи дигар моро расон!**

**Сафармуҳаммад АЮБӢ**

# ХАНДАРЕЗ

Даллоли хонафурӯш ба харидор мефаҳмонад:
- Ман мехоҳам ҳамаашро пешакӣ фаҳмонам. Ин хона камбудиҳои худро дорад. Дар қисми шимол ҷойи партовпартоии калон, дар қисми ҷануб фермаи калони чорво, дар ғарб ботлоқи бадбӯй, дар шарқ кӯли моҳипарварӣ.
- Ягон ҷойи хубаш будагист? – мепурсад харидор.
- Албатта! Агар ба димоғатон бӯй ояд, шумо дарҳол мефаҳмед, ки аз куҷо шамол хест.

****

Афандӣ хоб мебинад, ки дар маъракаи оши наҳор иштирок дораду наздаш як табақ оши гарм мегузоранд. Ӯ ба ош даст мерасонад, ки дасташ месӯзад. Аз хоб хеста, зуд аз ошхона як қошуқ мегирад ва омада хоб меравад.

****

Мурод, ки дар хасисӣ ном баровarда буд, ба дӯстонаш таъриф кард:
- Дина ба меҳмонон қариб панҷ кило бодомро шикаста хӯрондам.
Касе пурсид:
- Дар хонаат?
- Не, дар меҳмонӣ.

****

Вақти аз самолёт фаромадан шими марди фарбеҳ меафтад. Мардуми мусофир ҳама механданд. Марди фарбеҳ асабӣ мешавад:
- Ман ин самолёти шуморо нафаҳмидам, яктааш мегӯяд, ки тасмаҳоро бандед, дигараш мегӯяд, ки тасмаҳоро кушоед.

# ШӮХИҲОИ НАВРӮЗӢ



**Пири кори мо Ваҳҳоб,**
**Амалашон пурсавоб.**
**Ёд орад аз Шӯравӣ,**
**Аз даврони вазирӣ.**
**Баҳри кишти баҳорӣ.**
**Кунад моро раҳбарӣ.**

****



**Натиҷаи баландро,**
**Ба даст овард Қутбиддин.**
**Бо заҳмати устодон,**
**Донишҷӯён - аввалин.**
**Дар риштаи иқтисод,**
**ДМИТ гардид беҳтарин.**

****



**Вазираи Орифҷон,**
**Шукрона кунад, к-аз он.**
**Шуд табиат шукуфон,**
**Сарсабз Тоҷикистон.**
**Шодоб гашта соҳилҳо,**
**Аз файзи оби равон.**



**Бар зиммаи Бекмурод,**
**Кори тарбия уфтод.**
**Баҳри таҷлили Наврӯз,**
**Кашид заҳмати зиёд.**
**Дар саҳнаи наврӯзӣ,**
**Кунанд аспу хирс бозӣ.**
**Базми наврӯзӣ тасфид**
**Кормандон аз ӯ розӣ.**

****



**Мавсими тӯю сӯр шуд,**
**Ҷӯрамурод серпул шуд.**
**Бо таблу бо доира**
**Базму тараб низ ҷӯр шуд.**
**Мисли борони баҳор**
**Доллару евро қатор.**

**Навқалам**

# ДАР СӮЗИ ИШҚ



Биёву бо чашмони афсунгарат сӯям нигоҳ кун, то ғами дунёро фаромӯш созам. Биёву бо тамоми ҳастият дӯстам дор, то бигӯям, ки ҳеҷ неруе қодир нест меҳри туро аз ман бигирад. Нозанини ман, чаро аз замзамаҳои дилнавози қалби шӯридаам мегурезӣ? Магар нолаҳои ҷонсӯз ва фарёди дардолуди қалби пурҷароҳатамро, ки пайваста аз дарди ҳиҷронат дар азоб гирифтор аст, намешунавӣ? Магар аз он бехабарӣ, ки ҷавоне дар ғамат обу адо гаштааст? Азизам, чаро аз таронаи дилнишини муҳаббат мегурезӣ? Магар таронаи малакутии дилбохтагон ба гӯшат намерасад? Чаро зеботарин шукуфаҳои рӯи нозанинатро аз мани дилсӯхта пинҳон медорӣ?

Лаҳзаҳое воқеъ мегардад, ки аз ғами ишқат хоб аз чашмонам ба дуриҳои дур дар парвоз аст. Хаёлам, ки чашмони шаҳлоятро бо сад розу ниёз сӯям духтаиву ба гӯшам таронаи муҳаббатро месарои ва бо навозиш дасти худ бар сарам кашидаӣ. Он лаҳзаҳо булбулон дар канори дилҳои мо нағмасарои мекунанд. Азизам, ин қалби пуршӯрам бароят салом мегӯяд…

**Ман нигоҳи чашми хандонат шавам,**
**То саропо ҷону қурбонат шавам.**
**Баҳри ту дил додаам, ҷон медиҳам,**
**Лаълу ёқути Бадахшон медиҳам.**
**Хандаи гулгун намо ту бар сӯи ман,**
**Нағмаи булбул намо баҳри чаман.**
**Ҳар саҳар бархестӣ аз хоби ноз,**
**Ҷони ман, бар сӯи Аллоҳ ор ниёз.**
**Ман туро ёри вафодор хондаам,**
**Баҳри ишқат аз ҳама дур мондаам,**
**Сӯи Беҳрӯз як нигоҳе кун, бирав,**
**То дигар пайдо нагардад ёри нав.**

**Беҳрӯз ҲАСАНОВ, донишҷӯи курси 3, факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонии Шӯҳрати Маҳмадалӣ, донишҷӯи курси 5, шуъбаи ғоибонаи ихтисоси молияи факултети молия ва қарз бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

*****

Дафтарчаи имтиҳонии Маликов Абдураҳмон Файзуллоевич, донишҷӯи курси 3, шуъбаи ғоибонаи ихтисоси ҳуқуқи иқтисодии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи молиявӣ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

*****

Дафтарчаи имтиҳонии Қодирова Манижа Муҳаммадовна донишҷӯи курси 2 шуъбаи рӯзонаи ихтисоси танзими ҳуқуқи молия ва қарзи факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодӣ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

*****

Дафтарчаи имтиҳонии Алматов Муҳаммадҷон Дилмуродович, донишҷӯи курси 2, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-96010102 факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

*****

Дафтарчаи имтиҳонии Сафаров Файзалӣ Саидович, донишҷӯи курси 2, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси хадамоти гумруки факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

*****

Дафтарчаи имтиҳонии Худҷанов Руслан Мадиҷонович, донишҷӯи курси 2 шуъбаи рӯзонаи ихтисоси иқтисод ва идораи факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодӣ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

*****

Дафтарчаи имтиҳонии Холтураев Мунис Бобоназарович, донишҷӯи курси 3, шуъбаи ғоибонаи ихтисоси технология ва низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёти факултети технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

Раёсат, Кумитаи муттаҳидаи иттифоқи касаба ва аҳли ҳамкасбон ба Сафаров Саидамир, устоди кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русии донишкада нисбати даргузашти нобаҳангоми

**БАРОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Молия ва иқтисод
Нашрияи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Муассис: Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

**Сармуҳаррир:**
**Машҳура Абдуллоева**

**Котиби масъул:**
**Саъдулло Носиров**

**Муҳаррирон:**
**Насрулло Тӯйчизода**
**Раъно Ҳакимова**
**Елена Маджидова**

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №0330 ба қайд гирифта шудааст.
**Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64\14**
**Тавзеҳ:**
Дастнавис қабул карда намешавад. Мавод бояд бо ҳуруфи **Arial Tj**, андозаи 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Нашрия на бо ҳама афкори муаллифон мувофиқ буда, ба хотири гуногунандешӣ матолиби мухталифро ба табъ мерасонад.

**Дар матбааи «Мега-принт» нашр мешавад.**
**Теъдоди нашр 3600**
**Нархаш шартномавӣ**

www.feit.tj
E-mail:
gazetmoliy@mail.ru
**Телефон: 988 – 16 – 51- 57**